## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Амонзода Анушервон дар мавзӯи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт пешниҳод шудааст**

Пеш аз ҳама мавриди зикр аст, ки муҳаққиқ Амонзода Анушервон қобилияти баланди эљодӣ, мустақилона кор кардан ва истифодабарии адабиёти назариявию амалиро доро буда, ҳамгоми омода намудани таҳқиқоти илмӣ худро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил нишон додааст. Дар баробари ин, ӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии поквиҷдон, иҷрокунанда, ростқавл нишон дода, барои пешбурди таҳқиқот ҳавасманд мебошад.

Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия ҳамаи меъёрҳои навиштани таҳқиқоти илмӣ, минҷумла мақолаҳои илмиро аз меъёр барзиёд иҷро намуда, тӯли чаҳор соли навиштани таҳқиқоти илмӣ ҳамаи дигар талаботҳои навиштани таҳқиқоти илмиро сарбаландона иҷро намудааст.

Муаллифи диссертатсия худро ҳамчун таҳқиқотчии ташаккулёфтаи дорои омодагии баланди назариявӣ ва амалӣ дар сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақавӣ нишон додааст. Саҳми асосии ӯ аз он иборат аст, ки мавзӯи рӯзмарраро интихоб намуда, маҳорати касбӣ ва таҳлилӣ ба вай имкон дод, ки ҳаҷми зиёди маълумотҳои омориро оид ба масъалаи вобаста ба таҳқиқоти илмӣ коркард намояд.

Мавзӯи интихобнамудани муаллиф дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он мубрам ва зарурӣ буда, ҳангоми дар амал тадбиқ намудани ғояҳои асосии он сатҳи рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолӣ қисман метавонад таъмин карда шавад.

Дар баробари ин, ҳамаи ҷузъиётҳои таҳқиқоти илмӣ, алахусус мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад, ҳадаф, навгонии илмӣ, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, мутобиқати таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, афзорҳо ва усулҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот барои муҳокимаи

диссертатсия дар шакли зарӯрӣ ҷамъоварӣ гардида, метавонад мавриди муҳокима ва музокира қарор дода шавад.

Оид ба натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмии муаллиф ҳаминро бояд қайд намуд, ки онҳо метавонанд дар амалияи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, алалхусус барои иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳамгоми амалӣ сохтани модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (барои соҳаҳои алоҳида) саҳми боризи худро гузоранд.

Диссертатсияи муаллиф, ба андешаи мо, ба ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт мутобиқ арзёбӣ мегардад. ва барои қабул, муҳокима ва ҳимояи ошкорои диссертатсияи муаллиф дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 розии худро медиҳам.

Дар хулоса қайд намудан бо маврид аст, ки диссертатсияи Амонзода Анушервон дар мавзӯи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» таҳқиқоти илмии ба анҷом расида ҳисобида шуда тибқи талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст ва барои сазовор гардонидани муаллиф ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** **Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Имзои **М.И. Садриддиновро** тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҷӯраев Ш.**

27.11.2023с.